***ТДУ 371***
***DOI:10.51844-2077-4990-2023-4-75-79***

***ВИЖАГИҲОИ ИСТИФОДАИ ТЕХНОЛОГИЯҲОИ ИННОВАТСИОНИИ ТАЪЛИМ ДАР МАКТАБ***

***Мирмухаммедова Парвина Соҳибҷоновна,*** *унвонҷӯи кафедраи методикаи таълими забон ва адабиёти тоҷики МДТ "ДДХ ба номи акад. Б. Ғафуров"(Тоҷикистон, Хуҷанд)*

***ОСОБЕННОСТИ ИСПОЛЬЗОВАНИЯ ИННОВАЦИОННЫХ ТЕХНОЛОГИЙ ОБУЧЕНИЯ В ШКОЛЕ***

***Мирмухаммедова Парвина Сахибжоновна,*** *соискатель кафедры методики преподавания таджикского языка и литературы ГОУ «ХГУ им. акад. Б. Гафурова» (Таджикистан, Худжанд)*

***PECULIARITIES OF USAGE OF INNOVATIVE TEACHING TECHNOLOGIES AT SCHOOL***

***Mirmuhammedova Parvina Sakhibzhonovna,*** *research worker of the department of methods of Teaching Tajik Language and Literature, SEI "KSU named after. acad. B. Gafurov" (Tajikistan, Khujand),*
***E-mail:****parvina0200@bk.ru*

***Вожаҳои калидӣ:*** *технологияи таълим, технологияи педагогӣ, технологияи инноватсионӣ, инноватсия, навоварӣ, таълим ва тарбия*

*Мақола ба баррасии вижагиҳои истифодаи технологияҳои инноватсионии таълим дар мактаб бахшида шудааст. Мафҳумҳои "технологияи таълим", "технологияи педагогӣ" ва "инноватсия"-ро шарҳу тавзеҳ ёфта, алоқамандӣ ва нақши онҳо дар раванди таълиму тарбия муайян гардидааст. Таъкид гардидааст, ки фарқи возеҳи байни мафҳумҳои "технологияи педагогӣ" ва "технологияи таълимӣ" ҳанӯз муқаррар карда нашудааст. Ҳини масъалагузорӣ мулоҳизаҳои олимони соҳа Ф.Шарифзода, Т.К.Тақдиров, Г.Ниёзбекова ва дигарон таҳлилу баррасӣ ва истинод шудаанд. Муаллифи мақола ба хулоса омадааст, ки дар сурати оқилона истифода шудани технологияҳои инноватисонии таълим барои фаъол намудани алоқаи акс бо таълимгирандагон шароити мусоид фароҳам меояд ва дар умум, дар раванди педагогӣ натиҷаҳои матлуб ба даст оварда мешавад.*

***Ключевые слова:*** *технологии обучения, педагогические технологии, инновационные технологии, инновации, обучение и воспитание*

*Статья посвящена особенностям использования в школе инновационных технологий обучения. Анализируются понятия «технология обучения», «педагогическая технология», «инновация», определяются их взаимосвязь и роль в процессе обучения и воспитания. Отмечается, что до сих пор не определены отличия между понятиями «педагогическая технология» и «технология обучения». При постановке проблемы анализируются мнения специалистов изучаемой отрасли, в том числе Ф. Шарифзода, Т.К.Такдирова, Г.Ниёзбековой и других. Делается вывод, что при рациональном использовании инновационных технологий обучения создаются благоприятные условия для активизации обратной связи с обучаемыми и педагогический процесс в целом достигает желаемого результата.*

***Key words:*** *educational technologies, pedagogical technologies, innovative technologies, innovations, tuition and education.*

*The article dwells on the peculiarities of usage of innovative teaching technologies at school. The following notions "teaching technology", "pedagogical technology", "innovation" is analyzed and their relationship and role in the process of tuition and education are determined. It is noted that differences between the notions of "pedagogical technology" and "teaching technology" have not yet been defined. While posing the problem, specialists` opinions in the sphere being studied are analyzed, including F. Sharifzoda, T.K. Takdirov, G.Niyozbekova and others. It is concluded that by dint of the rational usage of innovative teaching technologies, favorable conditions are created for enhancing feedback from students and the pedagogical process as a whole achieves the desired result.*

Мусаллам аст, ки дар оғози садаи XXI Ҷумҳурии Тоҷикистон тадриҷан ба фазои таҳсилоти ҷаҳонӣ ворид гардид, ки, бешак самаранокии ин марҳила тағйироту такмилсозии низоми маорифро тақозо дорад. Дар робита ба ин, истифодаи технологияҳои инноватсионӣ дар ҷаҳон, аз ҷумла, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ босуръат идома дорад. Тарбия намудани шаҳрванди дорои сатҳи баланди ахлоқ, масъулиятшинос, эҷодкор, фаъол ва салоҳиятдори кишвар аз ҳадафҳои муҳимми таълиму тарбия маҳсуб меёбад. Бар ин гуфтаҳо таҳия ва қабул

гардидани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи маориф", Стандарти давлатии таҳсилот, Консепсияи миллии тарбия, Консепсияи миллии маълумот дар радифи дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии ба таълиму тарбияи ҷомеа, хоса наврасону ҷавонон алоқаманд далолат карда, аз иқдоми арзишманди даврони Истиқлол ба шумор меравад ва ангеза барои роҳандозии муносибати навгароёна ва коркарди технологияҳои муосири таълим мебошад. Ба ҳар сурат, низоми таълим ба технологияи навгарои таълиму тарбия бештар рӯ оварда, амалияи таълимӣ аз омӯзгорон тақозо дорад, ки кулли ҷараёни таълим, усул ва фаъолияти омӯзгору хонанда тағйир дода шавад. Аслан навовариҳо худ аз худ пайдо намешаванд, онҳо натиҷаи таҳқиқоти илмӣ, таҷрибаи пешқадами педагогии омӯзгорони алоҳида ва аҳли ҷомеаи меҳнатии муассисаҳои таълимӣ мебошанд.

Мафҳуми “технология” калимаи юнонӣ буда, «технос» (techne) –маҳорат, санъат ва «логос» (logos) – фан, таълимотро ифода мекунад. Ин маънои луғавӣ моҳиятан ҷараёни замонавии технологияи таълимро ифода намекунад. **Технологияи таълим** сохторест дар барои мукаммалӣ ва мушаххасии моделҳои таълим. Дар он манбаъ ва имкониятҳои инсон ва техника, усулҳои махсус, инчунин таъсири байниҳамдигарии онҳо ба инобат гирифта шуда, ҷараёни яклухти омӯзиш ва таълим таъмин карда мешавад. Технологияи таълим лоиҳаест, ки дар он падид овардани навигарӣ, истифодабарии дониш ва қудрати эҷодкории хонанда, маҳорат ва малака ҷузъи муҳим аст [1,с.5-7].

Қайд кардан зарур аст, ки “технологияи таълим” ба педагогика дар нимаҳои асри XX ҳамчун муносибати нави технологӣ ба ташкили ҷараёни таълим зуҳур ёфт, ки он бо истифодаи воситаҳои техникии таълим алоқамандӣ дошт. Бино ба таъкиди олимони соҳа фарқи возеҳи байни мафҳумҳои "технологияи педагогӣ" ва "технологияи таълимӣ" ҳанӯз муқаррар карда нашудааст [5,с.38-42].

Маҷмуан, технологияи таълим сохтори муайян ва аз рӯи нақша мураттабгардида мебошад, ки мақсадҳои мушаххасро фаро гирифта, тарзу равиши истифодаи имкониятҳои мавҷударо дар ҷараёни таълим таъмин менамояд.

Технологияи педагогӣ бошад, ба маънии комили истилоҳияш тибқи шарҳи муҳаққиқони рус “лоиҳаест, ки новобаста ба маҳорати педагогии муаллим муваффақият ва дастовардҳои педагогиро таъмин месозад ва ҷараёни ташаккули шахсияти талабаро кафолат медиҳад” [1, с.76].

Технологияи педагогӣ низоми тадриҷии ҳамкории муштараки омӯзгорон ва тарбиягирандагон мебошад, ки бо истифодаи ин ё он маҷмӯи усулҳои тарбия ва таълим алоқаманд аст ва бо мақсади ҳалли вазифаҳои педагогӣ дар раванди педагогӣ амалӣ мегардад.

Худи мафҳуми **"инноватсия"** маънои навоварӣ, навгонӣ, тағйиротро ифода намуда, чун восита ва раванд ҷорӣ кардани чизи навро дар назар дорад. Аз нигоҳи раванди педагогӣ навоварӣ маънои ворид намудани ҳадаф, мундариҷа, усул ва шаклҳои нави таълиму тарбия, ташкили фаъолияти муштараки омӯзгор ва таълимгирандаро мефаҳмонад [12,с.20-26]. Истилоҳи "инноватсия" дар луғатҳои муосири забонҳои хориҷӣ дар ду шакл тавзеҳ ёфтааст:

- аввалан, аз калимаи англисии "innovation" - навоварӣ, яъне навоварӣ, навсозӣ кардан;
- дувум, аз калимаи лотинии "innovare" - навсозӣ, тағйир додан, табдил додан, дубора сохтан [2,с.76].

Дар таълимоти педагогӣ калимаи навоварӣ ҳамчун раванди такмил додани технологияҳои педагогӣ, маҷмӯи тарзу усулҳо ва воситаҳои таълимӣ фаҳмида мешавад. Дар айни замон, фаъолияти инноватсионии педагогии муассисаҳои таълимӣ яке аз ҷузъҳои муҳимми таркибии фаъолияти таълимӣ маҳсуб меёбад, зеро фаъолияти инноватсионӣ метавонад барои ташкили рақобатпазирии муассисаи таълимӣ дар бозори хизматрасониҳои таълимӣ замина гузорад ва самтҳои рушди касбии омӯзгорро муайян намояд.

Навовариҳо дар соҳаи маориф татбиқи ҳадафҳои навро пеш мегузоранд, ки он таҳияи мундариҷа, усулҳо ва шаклҳои нави таълиму тарбия; татбиқ ва паҳн кардани тартибу низоми мавҷудаи педагогӣ; ташаккул додани технологияҳои нави идоракунии муассисаҳои таълимӣ ва рушди онро дар бар мегиранд.

Барои роҳандозии ин амалҳо омилҳои зерин мавқеи муҳим доранд: фароҳам овардани шароити зарурӣ барои ҳавасмандгардонии рушди фаъолияти инноватсионӣ ва мавҷуд будани имкониятҳо барои қабули натиҷаҳои раванди таълим; омодагии равандҳои инноватсионӣ (аз ҷумла, олимон, омӯзгорон ва дигар кормандони соҳаи маориф, ки фаъолияташон

навоварона мебошад).

Бо назардошти аҳамият ва мубрамии масъалаҳои технологияи таълим, навгароӣ ва дигар ҷанбаҳои раванди педагогӣ олимони ватанӣ паҳлӯҳои мухталифи онро таҳқику баррасӣ намудаанд. Академик Ф.Шарифзода моҳият ва самтҳои навоварӣ ё навгонӣ аз тағйироти дохилии низомҳо, таъсис ва амалисозии ҳар гуна навовариҳо иборат аст, ки боиси тағйироту дигаргуниҳои муҳим дар амалияи иҷтимоӣ мегардад. Навовариҳои илмӣ тамоми бахшҳои донишҳои башариро фарогир аст. Навовариҳо дар навбати худ ба гурӯҳҳои мухталиф, аз қабили идоравӣ – ташкилӣ, иҷтимоӣ- иқтисодӣ, техникӣ- технологӣ тақсим мешаванд. Яке аз шаклҳои навовариҳои иҷтимоӣ навовариҳои педагогӣ мебошанд. Навовариҳои педагогӣ аз тағйироти мақсадноку пешрафта иборат буда, ба муҳити омӯзишӣ унсурҳои устувор бахшида, ба ҷузъҳои алоҳида ва дар маҷмӯъ, ба тамоми низоми беҳбудӣ меорад. Бино бар ин, навовариҳои педагогӣ метавонанд аз ҳисоби захираҳои низоми омӯзиш ё ҷалбсозии воситаҳои нав, таҳҷизот, технология ва сармоягузорӣ амалӣ гарданд [10с.360]. Дар маҷмӯъ навовариҳои педагогӣ метавонанд ӯоя ва фикрҳои педагогӣ, равандҳои педагогӣ, воситаҳои педагогӣ: усулҳо, шаклҳо технология, барномаҳои пурмазмун ва ғайра бошанд.

Яке аз воситаҳои таълими инноватсионӣ- технологияи иттилоотӣ мебошад, ки тибқи пешниҳоди мутахассисон истифодаи онҳо дар раванди муосири таълим бояд вазифаҳои зеринро дар системаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷро намоянд:

1. Қабули системаи ягонаи барномавӣ ва мувофиқ бо технологияи компютерӣ ва технологияи коммуникатсионӣ, ки дар раванди таълимии муттасил истифода мешаванд.
2. Пайвасти ташкилотҳои таълимӣ ба шабакаи ягонаи рақамӣ бо дастрасии минбаъда ба Интернет.
3. Ташаккули муҳити ягонаи иттилоотӣ барои таълими муттасил бо эҷоди пойгоҳҳои иттилоотӣ дар самтҳо ва ихтисосҳои таълим, ки ҳуҷҷатҳои методологӣ, энсиклопедияҳо, маълумотномаҳо, китобҳои дарсӣ ва васоити таълимӣ, инчунин воситаҳои иловагиро, ки раванди таълимро дастгирӣ мекунанд, дар бар мегирад.
4. Афзудани воситаҳои (асбобҳои) таълимӣ, ки ба азхудкунии мавод ва азхуд кардани малакаҳои устувори хонандагон, инчунин ба даст овардани ҳадафҳои таълими инфиродӣ равона карда шудаанд, ки ин метавонад ҳадафҳои нармафзорро барои рушд дар бар гирад, чун барномаҳои мултимедиявӣ ва ғайра [9,с.94].

Метавон гуфт, ки имрӯзҳо олимони соҳаи равишшиносӣ ва педагогикаи тоҷик масъалаи технология ва инноватисияи таълимро таҳқиқ намуда истодаанд, ки аҳаммияти илмиву амалӣ дорад. Аз ҷумла Т.К. Тақдиров дар асоси таҳқиқоти худ ва натиҷаи озмоишҳо доир ба масъалаи мавриди назар чанд навъи инноватсияро дар ҷараёни таълим афзалиятнок мешуморад: барномаи инноватсионӣ, лоиҳаи инноватсионӣ, навоварии маъмурӣ, навоварии менеҷмент, инноватсияи технологӣ, усули инноватсионӣ, раванди инноватсия, навовариҳои дохили мавзуъ, навовариҳои умумии методологӣ, навовариҳои идеологӣ, навовариҳои ташкилӣ, самти инноватсионии фаъолияти омӯзгорӣ, васоити инноватсионии таълим, системаи инноватсионии таълим, муассисаҳои инноватсионӣ [7,с.8].

Муҳаққиқ Г. Ниёзбекова доир ба ин масъала мулоҳизаронӣ намуда, афзудааст, ки шароити педагогии татбиқи технологияҳои инноватсионӣ дар ҷараёни таълиму тарбия ба идоракунӣ ниёз дорад. Ин раванд наметавонад стихиявӣ бошад ва ҳамчунин маънои онро надорад, ки падидаи навоварӣ дар низоми таҳсилот чанде қабл пайдо шуда бошад. Муҳаққиқ пешниҳод мекунад, ки технологияҳои таълимиро бо мақсади ҷалби хонандагон ба шаклҳои иловагии инкишофи шахсият васеъ истифода кардан мумкин аст: иштирок дар чорабиниҳои фарҳангӣ, театр, марказҳои эҷодиёти кӯдакон ва ғайра [5,с.21-22].

Технологияҳои муосири таълимӣ ба технологияи фаъолияти эҷодии омӯзгорон табдил ёфта, дар ба даст овардани маҳорати педагогӣ мусоидат менамоянд.

Ҷузъҳои таркибии ташкили раванди таълиму тарбия тавассути ҷорӣ намудани технологияҳои муосири таълим ҳамчун система аз инҳо иборатанд:

1. Ҳадафҳои омӯзиш.
2. Муҳтавои омӯзиш.
3. Методҳои омӯзиш.
4. Воситаҳои ҳамкории байниҳамдигарии педагогӣ.
5. Шаклҳои ташкили омӯзиш.

6. Натиҷаҳои фаъолият.

Мисли ҳама гуна фаъолиятҳо ду нуқтаи асосӣ вуҷуд дорад - вазифа ва технологияи он: Танзими вазифаи дидактикӣ иборат аст аз:

1. Таҳлили ҳадафҳои омӯзиш.

Дар ҳамин замина муайян намудани таърифи мундариҷаи мавзуъ, муҳтавои таълим, ки бо нақша ва барномаҳои таълимӣ муайян карда шудаанд. Он пешбинӣ мекунад:

интихоби маводи аз ҳама муҳим ва сохторсозиии он;

интихоби намунаҳо ва далелҳо;

нав кардани ҷанбаи аксиологии мавзуъ;

шиносоӣ бо фарҳанги ҷаҳонӣ ва фароҳам овардани фазои маънавӣ;

мустаҳкам кардани ҷанбаи тарбиявӣ дар раванди таълим;

аксиологикунонии мундариҷа ҳамчун раванди таносуби арзишҳои фарҳангӣ бо таҷрибаи шахсӣ ва иҷтимоӣ;

интихоби вазифаҳое, ки ба ташаккули малака ва маҳорат нигаронида шудаанд.

2. Муайян кардани сатҳи ибтидоии маълумотнокии хонандагон.

3. Баҳисобгирии маҳдудиятҳои дар пойгоҳи моддии таълимӣ ва ҷанбаи ташкилии таълимдодашуда [5,с.84-85]. Фаъолияти омӯзгор дар тарҳрезии технологияи таълим, ки ҳалли мушкилоти дидактикиро таъмин мекунад, аз интихоб ва таҳияи методҳо, шаклҳо ва воситаҳои таълим, яъне ташаккули воситаҳои раванди дидактикӣ иборат мебошад. Ҳамин тариқ, дар натиҷаи таҳлили супориши дидактикӣ, усулҳо, шаклҳо ва дастурҳои таълимии ба он мувофиқ муайян карда мешаванд. Таъкид кардан зарур аст, ки технологияҳои муосири таълим ба чанд унсурҳои асосӣ такя мекунад, ки дар меҳвари он қарор дорад: вуъсат додани қисматҳои дидактикӣ; банақшагирии натиҷаҳои омӯзиш ва фарқияти таҳсил; тақвиятбахшии донишҳои равоншиносӣ дар раванди таълим; компютерикунонӣ. Ҳамчун усули дидактикӣ дар ташкили ҷараёни таълиму тарбия технологияҳои инноватсионӣ бояд ба талаботи зерин ҷавобгӯ бошанд: ҳангоми кор дар намуди гурӯҳии таълим ба хонанда фароҳам овардани имконияти таълими инфиродӣ, бо назардошти қобилиятҳои маърифатӣ, ҳавасмандӣ ва хоҳишҳои шахсӣ [4,с.11]. Аз ин рӯ, истифодаи оқилонаи технологияҳои муосири таълим дар ташкили раванди таълиму тарбия ин фаъолияти худи омӯзгор дар самти пешравии илмию методӣ мебошад. Аз ҷумла, истифодаи технологияҳои муосири иттилоотӣ имкон медиҳад, ки шахсияти муҳассилин рушд кунад, имконияҳои коммуникативӣ, ташаккули фарҳанги иттилоотӣ ва омодагӣ ба фаъолияти маърифатии ӯ мустақилона тақвият ёбад. Ба ҷуз ин, ҳамгироии тадрис, омӯзиш ва баҳодиҳӣ; маҷмуи баҳодиҳии миқдорӣ ва сифатии қобилияти хонанда тавассути таҳлили маводи гуногуни фаъолияти таълимӣ ва маърифатӣ низ дар раванди таълиму тарбия нақши бориз дорад, ки ин муносибати таълим ба маҳорати касбии омӯзгор алоқаманд аст. Аз рӯи мушоҳида ва таҳлили дарсҳо дар баъзе ҳолат сатҳи пасти касбияти омӯзгор ва сифати дарси ӯ дар татбиқи технологияҳои инноватсионии таълим монеа эҷод мекунад. Аз ин лиҳоз, дар низоми маориф навовариҳо аз таҷдиду такмил ва тағйироти самтҳои зерин бештар вобастагӣ доранд, ки муҳимтарини онҳо инҳоанд: барнома ва фанҳои таълимӣ, фаъолияти хонанда ва омӯзгор; тартибу низоми фаъолияти тарбиявӣ; усули назорат ва арзёбии сатҳи таълим, ҳавасмандгардонӣ. Ҳамин тавр, метавон гуфт, ки истифодаи оқилонаи технологияҳои инноватсионии таълим дар раванди педагогӣ ба натиҷаҳои матлуб ва ҳадафманд мерасонад. Ба хусус, ҳангоми пешниҳоди маводи таълимӣ ба хонандагон ва азхудкунии маводи таълимӣ зимни ҳамкории интерактивӣ; дар дарсҳои такрор ва лаҳзаи мустаҳкамкунии дониш (малака, қобилият) -и ба даст овардашуда ва марҳилаи назорати фосилавӣ ва ҷамъбастӣ ва назорати мустақилонаи натиҷаҳои бадастомада. Хулоса, хонандагон мувофиқи қобилияташон дар ҷараёни дарсҳо иштирок мекунанд, аз рӯи муколамаҳои дарс арзиши фаъолияташонро дар ҳалли масъалаҳои гуногуни таълимӣ идрок мекунанд. Дар сурати оқилона истифода шудани технологияҳои инноватисонии таълим барои фикру ақидаи хонандагонро шунидан, онро асоснок ва силсилаи далелҳои мантиқиро эҷод кардан шароити мусоид фароҳам мегардад. Раванди таълим вақте самарабахштар мегардад, ки агар омӯзгор нисбат ба хонандагонгон камтар сухан гӯяд, зеро шахс танҳо дар ҷараёни фаъолияти худ рушд мекунад.

**ПАЙНАВИШТ:**

1. Беспалько, В.П. Педагогика и прогрессивные технологии обучения / В.П. Беспалько. - М.: Педагогика, 1989. - 192 с.
2. Землянская, Е. Н. Инновационная начальная школа: подготовка магистров по педагогике

в условиях сетевого взаимодействия [Электронный ресурс]: монография / Е. Н. Землянская; ФГБОУ ВПО "Моск. пед. гос. ун-т". –Москва: МПГУ, 2015. – 216 с. – URL: http://elib.mpgu.info/view.php?fDocumentId=5130. ISBN 978-5-4263-0254.
3. Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 марти 2006 – Душанбе: Матлуот, 2003 – 24с.
4. Лазарев,В.С.Метод оценки инновационной деятельности школ и рекомендации по его применению. Пособие для руководителей школ/В.С.Лазарев,Б.П.Мартиросян.-М.,2003 г. - 245с.
5. Ниёзбекова, Г.А Шароитҳои педагогии татбиқи тенологияҳои инноватсионӣ дар раванди таълиму тарбияи муассисаҳои таҳсилоти умумӣ: дис.н.и.п./ Ниёзбекова, Г.А. - Душанбе, 2022 с. – 180с.
6. Низомнома дар бораи мактаби миёнаи Ҷумхурии Точикистон. – Душанбе, 1996.
7. Такдиров, Т. К. Новое явление в сфере образования/ Вестник ТНУ. -2009. №3 (51).132-136с.
8. Такдиров, Т. К. Что такое инновация? //Маърифати омӯзгор. - 2009. №7-8.-30-33.
9. Шарифзода, Ф. Интеграция науки и образования как важнейшая тенденция современного цивилизационного процесса /Перспективы развития образования в Республике Таджикистан: коллективная научная монография. Под. ред. Ф.Ф. Шарипова. // - Душанбе. Ирфон, 2019. - С. 94.)
10. Шарифзода, Ф.Педагогикаи умумӣ ва касбӣ /Зери назари академик М.Лутфуллоев/Ф.Шарифзода, М.Миралиева.-Душанбе: Ирфон, 2012. – 562 с.
11. Ширшов, Е.В. Информационно-педагогические технологии: ключевые понятия: словарь / Е.В. Ширшов; под ред. Т.С. Буториной//– Ростов-н/Д: Феникс, 2006г. – 256 с.
12. Юсуфбекова, Н. Р. Педагогическая инноватика как направление методологических исследований/Н.Р.Юсуфбеков//Педагогическая теория: Идеи и проблемы.М.,1992.- 20-26с.

## REFERENCES:

1. Bespalko, V.P. Pedagogy and progressive teaching technologies / V.P. Bespalko. - M.: Pedagogy, 1989. - 192 p.
2. Zemlyanskaya, E. N. Innovative primary school: training masters in pedagogy in the context of network interaction [Electronic resource]: monograph / E. N. Zemlyanskaya; FSBEI HPE “Moscow State Pedagogical University”. –Moscow:MSPU,2015.–216p.–URL: http://elib.mpgu.info/view.php?fDocumentId=5130. ISBN 978-5-4263-0254.
3. National concept of education in Tajikistan Republic from March 3, 2006 - Dushanbe: Matluot, 2003 - 24 p.
4. Lazarev, V.S., Martirosyan, B.P. Method of the assessment of innovative activities of schools and recommendations for its application: manual for school leaders. – M., 2003 -245 p.
5. Niyozbekova, G.A. Pedagogical conditions of application of innovative technologies in the process of education and training of general education institutions: candidate dissertation in pedagogy. - Dushanbe, 2022. – 180 p.
6. Instruction on secondary schools of Tajikistan Republic. - Dushanbe, 1996.
7. Takdirov, T.K. A new phenomenon in the field of education / Bulletin of the Tajik National University. -2009.-№ 3 (51). – P. 132-136.
8. Takdirov, T.K. What is innovation? // Teacher`s Enlightenment. - 2009. # 7-8. – P. 30-33.
9. Sharifzoda, F. Integration of science and education as the most important trend aimed at modern civilizational process / Prospects for the development of education in Tajikistan Republic: collective scientific monograph/under the editorship of F.F. Sharipova//-Dushanbe. Cogniton, 2019. – 94 p.
10. Sharifzoda, F., Miralieva, M. General and professional pedagogy / Under the editorship of of Academician M. Lutfulloev. Dushanbe: Cognition, 2012. – 562 p.
11. Shirshov, E.V. Informational-pedagogical technologies: key concepts: dictionary / E.V. Shirshov; edited by T.S. Butorina//–Rostov-n/D: Phoenix, 2006. – 256 p.
12. Yusufbekova, N.R. Pedagogical innovation as a streamline aimed at methodological research // Pedagogical theory: Ideas and problems. - M., 1992. – P. 20-26.